## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (дар мисоли Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**

Дар шароити имрӯзаи рушди бемайлони Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи дарёфт, таълиму тарбияи хонандагоне, ки лаёқати баланди зеҳнӣ доранд яке аз вазифаҳои афзалиятноки аҳли маориф кишвар мебошад. Дар ин самт шинохти бармаҳал, таълим ва тарбияи кӯдакони боистеъдод ва лаёқатманд яке аз мушкилоти асосии низоми маориф ба шумор меравад ва аз сабаб кӯдакони лаёқатманд ба таълиму тарбияи махсус, ҳавасмандӣ ва дастгирии калонсолон эҳтиёҷ доранд. Имкониятҳои нави таълимӣ ва умуман рушди иҷтимоӣ мустақиман аз сатҳи ташкили чараёни мураттабу хушсифати таълиму тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ вобаста аст.

Кори илмию таҳқиқотии пешниҳоднамудаи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (дар мисоли Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”) мубраму саривақтӣ маҳсуб ёфта, тадбирҳои дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ” ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаро дар ҳамкории муассисаҳои таълимӣ роҳандозӣ менамояд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки новобаста аз таваҷҷуҳи хосаи давлат ба масълаи таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ҳануз як қатор муаммоҳои педагогиву психологии кор бо кӯдакони болаёқат дар самти дарёфту ташаккули қобилиятҳои онҳо боқӣ мондааст, ки он дар маркази диққати кори таҳқиқотии унвонҷӯ қарор гирифтааст.

Нурматова Н.Н. қайд намудааст, ки таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба роҳу усулҳои ташхиси лаёқатмандии кӯдакон, муносибати педагогиву психологии дахлдор бо онҳо, истифодаи методикаи самараноки таълими хонандагони болаёқат, самтҳои асосии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таълиму тарбияи

хонандагони болаёқат ва омода намудани омӯзгорон барои кор бо чунин хонандагон ҳанӯз кам омӯхташуда боқӣ мондаанд.

Маҳз омӯзиш ва таҳқиқи шароитҳои педагогии ташаккулёбии қобилиятҳои кӯдакони боистеъдод дар раванди таълим ва дигар масъалаҳое, ки бо лаёқатмандии кӯдакон алоқамандӣ доранд, ниёз ба таҳқиқоти алоҳидаи илмиро тақозо менамоянд.

Рисолаи илмии Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (дар мисоли Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”) маҳз ба таҳқиқи масъалаи мазкур, таҳқиқу коркарди роҳу воситаҳои рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ, фароҳам овардани шароитҳои педагогии ташаккули қобилиятҳои кӯдакони боистеъдод дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст.

Арзиши назарӣ ва амалии рисола дар он ба назар мерасад, ки муаллиф масъалаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ҳамчун низоми таълимии кор бо хонандагони болаёқат таҳқиқ намуда, истифодаи усулҳои муосирро мавриди ташхиси сатҳи салоҳияти омӯзгорону хонандагон ва дар ҷараёни таҳия ва истифода намудани барномаи самарабахшии таълим муфид меҳисобад.

Дар ин асос мақсади таҳқиқот таҳияи модели ташкилию педагогии низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва асосноксозии самаранокии истифодаи он аз тариқи баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ба ҳисоб меравад.

Зимни омӯзиш ва таҳлили рисолаи илмӣ Нурматова Н. муайян карда шуд, ки ӯ мувофиқи ҳадафҳои дар назди худ гузоштааш аз ҷиҳати илмӣ ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро таҳқиқ намуда, дар асоси маводи таҳлилшуда усулҳои педагогии таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро коркард ва татбиқ намудааст.

Ҷиҳати ноил шудан ба мақсад, санҷишу тасдиқи фарзияи гузошташуда барои роҳандозӣ намудани вазифаҳои гузоштушуда, муҳаққиқ таҳкиқоти зеринро ба анҷом расонидааст:

1. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили сарчамшмааҳои илмӣ ва адабиёти таҳқиқотӣ низоми ташхис, дарёфт ва кор бо хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таълимӣ муайян карда шудааст.

2. Таҳлили психологӣ-педагогии мушкилоти таълими хонандагони болаёқат ва дар раванди таълим ошкор сохтани лаёқатмандии “ниҳонӣ” ба роҳ монда шудааст.

3. Самтҳои асосии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва ҷустуҷуи роҳу усулҳои инкишофи қобилиятҳои зеҳнии онҳо муайян гардид.

4. Меъёрҳо ва принсипҳои асосии таҳияи барномаҳои махсусгардонидашудаи таълимӣ барои хонандагони болаёқат дар асоси ҳамгироии низоми таҳсилоти иловагӣ бо таҳсилоти умумӣ коркард шудааст.

5. Таҳия ва татбиқи модели самарабахши педагогии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти таълиму тарбияи хонандагони болаёқат амалӣ карда шудааст.

Дар навгонии таҳқиқот масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти “Кӯдаки болаёқат” дар илмҳои педагогика ва психология баррасӣ мешавад. Асосҳои педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо муайян карда шуда, аҳамияти гирифтани таълими иловагӣ дар ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардидааст. Инчунин талаботи педагогиву психологӣ низоми таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар машғулиятҳои таълими иловагӣ таҳия гардида, модели ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” коркард ва пешниҳод шудааст.

Дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муқаррар карда шуд, ки таҳсилоти иловагӣ қисмати пурраи системаи раванди таълим буда, ҳамчун қисми фаъолияти гимназия дар доираи ҳамон асосҳои методологӣ рушд мекунад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот масъалаҳои нақш ва мавқеи таҳсилоти иловагӣ дар рушди зеҳнии хонандагонро муайян ва асоснок карда, таъсир ва ҳамгироии мутақобилаи таҳсилоти иловагӣ ва асосӣ ба ҷараёни ташаккули қобилиятҳои зеҳниву эҷодии хонандагонро ошкор намудааст. Ҳамзамон ташаккул ва рушди салоҳиятҳои умумӣ ва фаннии хонандагони болаёқат дар ҷараёни таҳсилоти иловагӣ муайян карда шуда, аз лиҳози илмӣ барои ташхис ва ошкор сохтани истеъдоди кӯдакон таносуби мафҳумҳои лаёқатмандӣ ва қобилиятҳо, меъёр ва роҳҳои рушди зеҳнии хонандагон зимни машғулиятҳои таълими иловагӣ муқаррар гардида, самаранокии ташкили механизми ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти

иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таълими хонандагони болаёқат аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот натиҷаҳои дастрасшударо оид ба ҳамкориҳии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таълими хонандагони болаёқат метавонанд барои ноилшавӣ ба ҳадафҳо доир ба рушди зеҳни хонандагон мусоидат намоянд. Маводи таҳқиқоти бадастомада ва таҳияи модели нави ҳамкории муассисаи таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба таълими хонандагони болаёқат ва натиҷаҳои дигари таҳқиқотро муассисаҳои таълимии зинаву навъҳои гуногун мавриди истифода қарор дода, дар зимн самаранокии фаъолиятҳои таълимӣ бо хонандагони болаёқатро таъмин созанд.

Дар муқаддимаи кор масъалаҳои назариявию амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ дар ду боб ва фаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти мавзуи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзуъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзуъ маълумоти мушаххас оварда шудааст

Боби якуми диссертатсия “**Мавқеи таҳсилоти иловагӣ дар низоми таҳсилоти хонандагони болаёқат**” аз се фасл иборат аст. Дар он масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти “кӯдаки болаёқат” дар илмҳои педагогика ва психология, аҳамияти таҳсилоти иловагӣ дар дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат ва махсусияти таълими хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ баррасӣ мегардад.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки ба масъалаи таълиму тарбия ва муносибати шоиста ба кӯдакони боистеъдод дар афкори ниёгони халқи тоҷик таҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Масъалаҳои шавқу ҳаваси кӯдак ба омӯзиши илму дониш ва сайқал додани маҳорату малака ва тарбияи хислату сиришти неки инсонӣ дар таълимот ва педагогикаи ниёгон мавқеи хоса дорад ва таъкидҳои бешумори онҳо барои иломӯзиву донишазхудкунӣ ва касбу ҳунаромӯзиӣ равона карда шудаанд.

Муаллиф махсус таъкид намудааст, ки таҳсилоти иловагӣ ба кӯдак имкони воқеии интихоби роҳи инфиродии таҳсилотро фароҳам меорад, то ин ки новобаста аз сатҳи дастовардҳои таълимӣ мувофиқи қобилиятҳои худ ба муваффақият ноил шавад. Дар таҳсилоти иловагӣ мазмун, шакли дарсҳоро худи кӯдак интихоб мекунад. Ҳамаи ин барои муваффақият шароити мусоиди психологӣ фароҳам оварда, дар навбати худ ба фаъолияти таълимӣ таъсири мусбат мерасонад.

Боби дуюм “Низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат” ном доша, масъалаҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо, модели самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур мавриди баррасӣ қарор ёфта, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба самаранокии ташкили раванди таълими иловагии хонандагони болаёқат ва натиҷаҳои он арзёбӣ гардидааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мафҳуми назариявӣ ва системавӣ буда, як ҷузъи низоми мукаммали таълиму тарбия маҳсуб меёбанд ва дар асоси стандарти давлатии таҳсилот талаботи хонандагонро ба таҳсилоти босифат қонеъ мегардонад.

Зикр мегардад, ки ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ҳамчун низоми ягона зери таъсири мутақобила тавассути ғанигардонии мазмуни таълими якдигар амалӣ мегардад. Дар ин раванд унсури асосии он ташаккул додани фазои ягонаи таълимӣ ҳамчун муҳити низоми педагогӣ ба ҳисоб меравад. Дар умум, муассисаҳои таълимӣ низоми бутуни корӣ, низоми ягонаи педагогиро бо фарогирии зернизомҳои асосӣ (таълим, корҳои беруназсинфӣ, таҳсилоти иловагӣ) ва равандҳои тарбиявиеро, ки дар онҳо ба амал меоянд, дар бар мегирад. Бо дарназардошти фароҳам гардидани тамоми шароити зарурӣ барои омӯхтани илму дониш дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зарур аст, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим чораҳои амалӣ андешида шуда, дар ин раванд муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ низ бояд фаъолона ширкат варзанд. Бо ин мақсад ҳар як падару модар масъулияти худро дар самтии таълиму тарбияи фарзандон дарк намуда, онҳоро дар баробари таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчунин барои таълими иловагӣ ба муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ сафарбар намоянд. Беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот, всаеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва ташаккули шахсияти хонандагон вазифаи асосии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон дар баробари онҳо кормандони педагогии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ низ масъулияти калон доранд.

Ба андешаи муаллиф таҳсилоти иловагӣ яке аз роҳҳои беҳтар намудани дониши хонандагон, сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқу табиӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва азхудкунии

ҳунарҳои замонавӣ, инчунин дарёфт ва рушди истеъдодҳо буда, ҳамчун қисми таркибии донишандӯзӣ ва интихоби касб аҳаммияти басо зиёд дорад. Дар баробари таълими асосӣ таҳсилоти иловагӣ ба рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон ва наврасону ҷавонон, қонеъ гардонидани майлу рағбат ва талаботи маънавии онҳо мусоидат мекунад.

Натиҷаи таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдаруҳмони Ҷомии АТТ, ҷаласаҳои шуъбаи педагогика ва психология, дар иттиҳодияҳои методии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шудаанд.

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда, дар рисола баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи он хеле муфиданд:

1. Дар диссертатсия ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хеле хуб нишон дода шудааст, вале хуб мебуд аз тарафи муаллиф нақши хонавода низ дар таълими хонандагони болаёқат пурратар кушода дода мешуд.
2. Дар руйихати адабиёт шумораи нокифояи корҳои илмии олимони тоҷик оид ба масъалаи таълими хонандагони болаёқат мушоҳида мегардад.
3. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад.

Албатта, эродҳои қайдшуда муҳимияти мазмуну мундариҷа ва аҳамияти илмии рисолаи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (дар мисоли Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”)-ро коста намегардонад. Пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гаштаанд, барои самаранокии таълими хонандагони болаёқат мусоидат мекунанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (дар мисоли Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”) кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд. Автореферат, дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, директори
МДТ «Литсей барои хонандагони
болаёқат дар шаҳри Душанбе» Асҳобиддини Шералӣ

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Майяковский 27/1
Тел: 939999699. E-mail:asomnazarov@mail.ru

20.09.2023

Имзои Асҳобиддини Шералиро тасдиқ мекунам.
Нозири шуъбаи кадрҳо и
МДТ «Литсей барои хонандагони
болаёқат дар шаҳри Душанбе» Гулдарбоғова Ф.